«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
__________ д.и.и Хушвахтзода Қ. Х.
«_05_» __________ 2020 с.

**ХУЛОСАИ**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Диссертатсияи «Нақши мантиқ дар фаъолияти эҷодии журналист» (дар мисоли ВАО-и Тоҷикистон) дар кафедраи телевизион ва радиошунавонии факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба анҷом расидааст.

Дар давраи таълифи диссертатсияи номзадӣ аспирант Шоҳиён Мансур Бойзода дар кафедраи телевизион ва радиошунавонӣ ба кори пажуҳишӣ машғул буд.

Шоҳиён Мансур Бойзода соли 2014 Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро бо ихтисоси журналист бо дипломи аълочӣ хатм кардааст. Шаҳодатнома оид ба супоридани имтиҳони номзадӣ дар соли 2020 аз тарафи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дода шудааст.

Роҳбари илмӣ – Имомзода Муҳаммадюсуф Сайдалӣ, доктори илмҳои филологӣ, профессор, академики Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.

**Дар натиҷаи муҳокима чунин хулоса шуд:**

Диссертатсия дар асоси талаботи кори илмӣ навишта шудааст. Гуфта мешавад, ки воситаҳои ахбори омма дар замони муосир бо қудрати бузурги мафкуравии худ мақоми бештарро соҳиб шудаанд. Имрӯз ВАО бо таъсиргузории худ хусусияти инҳисорӣ пайдо карда, мардумро ба худ моил мегардонанд. Ба ин мақсад қудратмандон аз воситаҳои ахбори омма бо усулҳои гуногун истифода мебаранд. Пешрафти технологияи коммуникатсионӣ, баланд гардидани савияи дониш ва ҷаҳонбинии аудитория, ба манфиатҳои шахсию гуруҳӣ майл кардани воситаҳои ахбори омма, дар ҷойи аввал қарор гирифтани фаврият ва саҳеҳият, вусъат пайдо кардани зиёдагӯиву пурҳарфӣ, ибрози фикрҳои мухталифи баъзан санҷиданашуда дар ВАО масъалаҳои наву мубрамро ба миён овардааст, ки таҳқиқу баррасиҳои илмиро тақозо менамояд. Аз ҷумла, рушди воситаҳои ахбори оммаи электронӣ, вусъат пайдо кардани муносибати демократӣ дар фаъолияти журналистӣ, масъалаи нақши мантиқ дар фаъолияти эҷодии журналист ва риояи онро ба контексти илми журналистика мекашад. Ин масъала риояи мантиқ ва

меъёри истифодаи категорияҳои он дар фаъолияти журналистон мебошад, ки тавассути ВАО амалӣ мегардад.

Тавассути мантиқ сухан муназзам мегардад, фикрҳо маврид пайдо мекунанд, гуфтору намоиш муассир мешавад. Мантиқ ба гуфтор солорӣ мебахшад ва ба дарку фаҳми шунавандаву бинанда кӯмак мерасонад. Ин ва дигар омилҳо зарурати ба нақши мантиқ дар фаъолияти эҷодии журналистон таваҷҷуҳи хоссаи илмӣ зоҳир намуданро ба миён овардааст.

Мавриди зикр аст, ки мавзӯи нақши мантиқ дар фаъолияти эҷодии журналист дар илми публитсистикашиносии тоҷик ба пажуҳиш кашида мешавад. Бори нахуст дар заминаи таҳлилу баррасии маводи ВАО-и тоҷик қонунмандиҳои мантиқи журналистӣ муайян гардида, дараҷа ва сатҳи маърифати мантиқ ва риояи он дар фаъолияти журналистон нишон дода мешавад, низоми назарии мантиқи эҷод дар журналистикаи тоҷик пешниҳод мегардад.

Пажӯҳиши мавзӯъ аз ҷониби Шоҳиён М. Б. нишон дод, ки дар фаъолияти эҷодии журналистӣ мантиқ аз меъёрҳои асосӣ маҳсуб ёфта, низоми фикр, асоснокии гуфтор, таъсирнокии мавод ба дарки дуруст ва риояи маърифатонаи он алоқамандӣ дорад. Дар намоишу барномаҳои телевизионию радиоӣ, ҳамчунин маводи нашрияҳои даврӣ тарзи масъалагузорӣ ва фикри солим ба мушоҳида расад ҳам, на ҳамеша масъалагузорӣ, мулоҳиза, хулоса ва пешниҳоди журналистон ба ҳамдигар алоқамандии мантиқӣ пайдо мекунад. Ин ҳолат ба зуҳури унсурҳои ғайрикасбӣ, халалдор гардидани меъёру принсипҳои касбӣ ва паст шудани эътибори журналистон оварда мерасонад

Таҳқиқи ин мавзӯъ аз он ҷиҳат боз муҳим аст, ки натиҷаи он метавонад ба ислоҳи андешаву хулосабарориҳои ғайримантиқиву ғайрикасбӣ ва эҳсосию завқие, ки дар ВАО ба мушоҳида мерасанд, мусоидат кунад. Ин ва дигар омилҳо аз мубрамият ва аҳамияти таҳқиқи мавзӯъ шаҳодат медиҳанд.

Эътимод ба сухани журналист, ҷолибу муассир ва нишонрас гардонидани он аз ҳар ҷиҳат ба донистани мантиқ ва маърифати истифодаи он алоқаманд аст. Ин амали мураккаб аст ва на ҳар шахсияти эҷодкор, хосса журналист, қобилият ва маҳорати риояи судманди баёни суханро дорад. Дар баробари ин ҳар як воқеият дорои усули махсуси маърифат, роҳу тариқаи инъикос ва шеваи хоси баён аст, ки дар донистану риоя кардани он дарку маърифати мантиқӣ ба кор меояд.

Мақсади асосии диссертатсия муайян намудани сатҳи риояи мантиқи эҷоди журналистӣ дар матолиби ВАО, аз ҷониби дигар, бо таҳлили мисолҳои воқеӣ нишон додани аносири таҳрир дар баёни

андеша аст, ки бояд нашр ва ё пахш шавад. Барои расидан ба ин мақсад мо ҳалли вазифаҳои зеринро зарур меҳисобем:

– баррасии ҷанбаҳои назариявии фарҳанги мантиқии фаъолияти эҷодии журналист;

– нишон додани дараҷаи риояи мантиқи гуфтор дар барномаҳои телевизионӣ;

– ошкор намудани вижагиҳои мантиқи корбасти аксу расм дар нашрияҳои даврӣ ва сомонаҳо;

– муайян кардани муҳтавои мантиқии савол ва муколамаҳои намоишу гуфторҳои телевизион ва радио;

– таҳлили мантиқии нақди матбуоти даврӣ оид ба барномаҳои телевизион;

– баррасии қонунмандиҳои мантиқ ва нишон додани алоқамандии онҳо бо фаъолияти журналистӣ;

– мушаххас намудани мантиқи муҳокимаҳои журналистӣ ҳамчун категорияи муайянкунандаи фикр;

– дар заминаи таҳлили маводи журналистӣ нишон додани навъҳои хулосабарорӣ;

– коркарди низоми илмии мантиқи фаъолияти эҷодӣ дар журналистикаи тоҷик.

Ба сифати объекти таҳқиқ телевизионҳои «Тоҷикистон», «Сафина», «Ҷаҳоннамо», «Варзиш», радиоҳои «Тоҷикистон», «Имрӯз», «Овози тоҷик», нашрияи «Ҷумҳурият» ва сомонаи он, сомонаи радиои «Озодӣ», инчунин хабаргузорӣ, ҳафтанома ва сомонаҳои иттилоотии «Нигоҳ», «Тоҷнюс», «Озодагон» ва ғайра интихоб шудаанд.

Мавзӯи таҳқиқро вижагиҳои нақши мантиқ дар фаъолияти эҷодии журналист, риояи қонунҳои мантиқ ва категорияҳои он дар маводи журналистӣ, хосса барномаҳои радиову телевизионҳои кишвар ташкил медиҳад. Аз ҷониби пажуҳишгар таъкид мегардад, ки дар барнома ва намоишҳои телевизионӣ навор сухани журналистро ба воқеа ва зуҳуроти инъикосшаванда алоқаманд намуда, ба он солорӣ ва ҷолибият мебахшад. Алоқаи мантиқии навору сухан дар барномаҳои телевизионӣ аслан риоя шавад ҳам, ҳолатҳои номувофиқатии онҳо низ кам нест. Истифодаи мантиқии аксу сурат дар матбуоти даврӣ ва сомонаҳои интернетӣ, бо вуҷуди ба таваҷҷуҳи бештари хонанда мусоидат кардан, аз нуқси мантиқӣ орӣ нест. Омили асосии чунин камбудӣ таваҷҷуҳи бештар ба оҷилияти пахш мебошад, ки бар касбият ғолиб омадааст.

Муаллифи диссертатсия зикр мекунад, ки омилҳои дарк нашудани мантиқ дар фаъолияти журналистони тоҷик гуногунанд. Онҳоро ба таври мухтасар дар чунин шакл метавон хулоса кард: вайрон шудани

алоқаи мантиқии навору сухан-ин ҳолат бештар дар барномаҳои ахбории телевизионҳо ба мушоҳида мерасад; номувофиқии мантиқии аксу сурат бо матнҳои нашрияҳои даврӣ ва сомонаҳои интернетӣ; камогоҳӣ ва беэътиборӣ дар баррасии масъалаҳои муҳими рӯз; сатҳи пасти тафаккури илмию оммавии журналистон; инъикоси сатҳии қазияҳои иҷтимоӣ; ба эътибор нагирифтани қонунҳои мантиқ: айният, зиддият, истисно ва басандагии далел дар инъикоси воқеияти иҷтимоӣ; осемасарӣ дар баррасӣ ва ҳалли тазодҳо; ба назар нагирифтани талаботи категорияҳои хулосабарорӣ ва муҳокимаҳои мантиқӣ: муҳокима – таҳқир, муҳокима – манфиат ва муҳокимаи яктарафа ва ғайра.

Натиҷаи таҳқиқ ба таълими фанҳои тахассусии журналистӣ, чун мантиқи журналистика, асосҳои эҷоди журналистӣ, психологияи журналистика ва таълифи китобҳои дарсӣ, дастуру васоити таълимӣ мавод медиҳад. Ҳамчунин, қисмҳои ин кор дар доираи фанҳои тахассусӣ дар факултету шуъбаҳои журналистикаи муассисаҳои олии касбӣ метавонанд мавриди таълим қарор гиранд. Диссертатсияи мазкур барои таҳқиқоти минбаъда мавод дода метавонад. Илова бар ин, кормандони эҷодию техникии ВАО ҳангоми таҳияи мавод метавонанд аз талаботи мантиқ дар фаъолияти журналистӣ, ки дар диссертатсия баррасӣ шудааст, истифода намоянд.

Доир ба мавзӯи таҳқиқ диссертант дар 8 конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ ва ҳамоишҳои ҳамасолаи илмии ҳайати профессорону омӯзгорони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон баромад намудааст. Мазмуну моҳияти асосии диссертатсия дар 5 мақола, аз ҷумла, 3 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашргардида ифода ёфтааст.

Муҳтавои диссертатсия дар мақолаҳои зерин инъикос ёфтааст:

[1-М] Шоҳиён М. Б. Ғалатҳои услубию мантиқӣ дар ВАО // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. - Душанбе: «Сино», 2015, № 4/10 (187). - С. 272 – 275;

[2-М] Шоҳиён М. Б. Необходимость соблюдения логики в журналистском слове // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. - Душанбе: «Сино», 2017, № 4/2. С. 301 – 305;

[3-М] Шоҳиён М. Б. Назаре ба муҳокимаи журналистӣ дар сомонаҳои интернетӣ //Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. –Душанбе, 2018. №5/1 (77). – С.199-204;

[4-М] Шоҳиён М. Б. Баъзе муаммоҳои мантиқӣ дар фаъолияти расонаҳо (дар мисоли бахши тоҷикии Радиои Озодӣ). Маҷмӯаи мақолаҳои илмӣ. Журналистикаи байналхалқӣ. Қисми 7. –Душанбе, 2017. - С. 139-144;

[5-М] Шоҳиён М. Б. Нақши саволи мантиқӣ дар барномаҳо // Дар моварои сухан. Маҷмӯаи мақолаҳои илмӣ. –Душанбе, 2018. - С. 190-196;

Диссертатсияи «Нақши мантиқ дар фаъолияти эҷодии журналист» (дар мисоли ВАО-и Тоҷикистон) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ тавсия мегардад.

Хулосаи мазкур дар ҷаласаи муштараки кафедраҳои телевизион ва радиошунавонӣ, матбуот ва журналистикаи байналхалқии факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул гардидааст.

Дар ҷаласа 19 нафар иштирок доштанд. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 19 нафар, «зид» ва «бетараф» – нест.

Қарори № 10 аз 4 апрели соли 2020.

**Раиси ҷаласа,**
**Мудири кафедраи телевизион ва радиошунавонии ДМТ, номзади илмҳои филологӣ, дотсент** **Гулов С. Н.**

**Котиб, номзади илмҳои филологӣ, дотсент** **Ҳайдаров С. Б.**

*Имзои Гулов С. Н. ва Ҳайдаров С.Б.-ро тасдиқ мекунам.*

**Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** **Тавқиев Э. Ш.**

*Суроға:*
734025, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
https://tnu.tj/index.php/
Тамос: (+992 37) 2217811